**ФАРМОНИ**

**ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**УКАЗ**

**ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

Дар бораи ворид намудани тағйир ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2007, №356

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» фармон медиҳам:

Низомномаи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2007, №356 «Дар бораи таъсис додани Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ» тасдиқ шудааст, дар таҳрири нав тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
15 июли соли 2019
№ 1281

**ФАРМОНИ**

**ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**УКАЗ**

**ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

О внесении изменения в указ Президента Республики Таджикистан от 19 декабря 2007 года, №356

В соответствии со статьей 56 Закона Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» постановляю:

Утвердить Положение о Консультативном совете по улучшению инвестиционного климата при Президенте Республики Таджикистан, утвержденное указом Президента Республики Таджикистан от 19 декабря 2007 года, №356 «О создании Консультативного Совета по улучшению инвестиционного климата при Президенте Республики Таджикистан», в новой редакции (прилагается).

Президент Республики Таджикистан — Эмомали Рахмон

г.Душанбе
15 июля 2019 года
№ 1281

КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ГОСУДАРСТВЕННЫЙ КОМИТЕТ ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
Сана 19.07.19 5418
Индекс

Бо фармони
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 15» июли соли 2019, №1281
тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАИ
## Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ (дар оянда - Шӯрои машваратӣ) мақоми машваратӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Шӯрои машваратӣ майдони муҳимтарини гуфтугӯи байни давлат ва бахши хусусӣ ба ҳисоб рафта, дар ташаккули сиёсати давлатӣ вобаста ба рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Шӯрои машваратӣ дар асоси таҳлилу тавсияҳо пешниҳодоти заруриро оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси Шӯрои машваратӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ манзур менамояд.

2. Шӯрои машваратӣ дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

3. Шӯрои машваратӣ дорои бланки худ мебошад.

## 2. ТАРТИБИ ТАЪСИС ДОДАНИ ШӮРО

4. Шӯрои машваратӣ аз Раис, 21 аъзо, ки аз ин шумора 4 нафар аъзои доимӣ мебошанд, иборат аст.

5 . Шӯрои машваратӣ аз ҳайати зерин иборат аст:

- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси Шӯрои машваратӣ;

аъзои Шӯрои машваратӣ:

- Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (узви доимии Шӯро);
- муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (узви доимии Шӯро);
- раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - котиби масъули Шӯрои машваратӣ (узви доимии Шӯро);
- роҳбари котиботи Шӯрои машваратӣ (узви доимии Шӯро);
- ду намоянда аз созмонҳои донории бисёрҷонибаи байналмилалӣ;
- як намоянда аз созмонҳои донории дуҷониба;
- як намоянда аз сармоягузорони хориҷӣ;
- 13 намоянда аз ҳисоби бахши хусусии ватанӣ.

6. Ҳайати Шӯрои машваратӣ метавонад аз ҳисоби намояндагони бахши хусусӣ кам ё зиёд карда шавад.

7. Тартиби интихоби аъзои Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби намояндагони бахши хусусӣ, намояндагони ташкилотҳои донории хориҷӣ ва намояндаи сармоягузорони хориҷӣ ба таври зерин амалӣ мегардад:

- намояндагони соҳибкорон ва ассотсиатсияҳои соҳибкорони ватанӣ ба ҳайати Шӯрои машваратӣ дар асоси худпешбарӣ ё аз тарафи бизнес-ассотсиатсияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби соҳибкороне, ки дар ин самт фаъолияти бомуваффақият амалӣ месозанд ва таҷрибаи хубро доро мебошанд, дар баррасии масъалаҳои соҳибкорию сармоягузорӣ ва пайдо кардани роҳҳои ҳалли онҳо бештар фаъоланд, пешниҳод мегарданд;
- намояндагони ташкилотҳои донории хориҷӣ дар мувофиқа бо шарикони рушд пешниҳод ва интихоб карда мешаванд;
- намояндаи сармоягузорони хориҷӣ ба ҳайати Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби сармоягузорони хориҷӣ, ки дар бахшҳои афзалиятноки иқтисодӣ лоиҳаҳои азими сармоягузориро татбиқ менамоянд, шомил карда мешавад;
- ҳайати аъзои Шӯрои машваратӣ бо қарори ҷаласаи Шӯро тасдиқ карда мешаванд;
- мӯҳлати ваколати аъзои Шӯрои машваратӣ аз бахши хусусӣ ду солро ташкил медиҳад;
- ваколати аъзои Шӯрои машваратӣ метавонад пеш аз мӯҳлат қатъ ва ё як маротиба тамдид карда шавад;
- аъзои Шӯрои машваратӣ танҳо ду маротиба пайи ҳам метавонанд дар ҳайати Шӯро ба ҳайси аъзо интихоб шаванд;
- собиқ аъзои Шӯрои машваратӣ бо риоя намудани бандҳои дахлдори Низомномаи мазкур метавонанд аз нав ба аъзогии Шӯро шомил гардонида шаванд.

8. Роҳбари котиботи Шӯрои машваратӣ бо пешниҳоди Раиси Шӯрои машваратӣ тибқи низомномаҳои Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд интихоб карда мешавад.

9. Аъзои Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби созмонҳои байналмилалии донорӣ, сармоягузорони хориҷӣ ва сохторҳои соҳибкории ватанӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Шӯрои машваратӣ иваз карда мешаванд.

## 3. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ШӮРО

10. Мақсади асосии Шӯрои машваратӣ таъмини гуфтугӯи давлат ва бахши хусусӣ, рушди фаъолияти соҳибкорӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, инчунин мусоидат ба рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, бартараф намудани душвориҳо ва саддҳои асосии рушди соҳибкорию сармоягузорӣ, мусоидат ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси Шӯрои машваратӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ дар амалигардонии тадбирҳо дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар мамлакат мебошад.

11. Вазифаҳои Шӯрои машваратӣ:

- таъмини гуфтугӯи доимӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳо миёни давлат ва бахши хусусӣ вобаста ба пешбурди масъалаҳои соҳибкорию сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ;
- гузаронидани тадқиқот ва таҳлили масъалаҳои оид ба фаъолияти соҳибкорӣ ва фазои сармоягузорӣ дар мамлакат;
- таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси Шӯрои машваратӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ оид ба масъалаҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ;
- таҳияи пешниҳодҳо оид ба ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ, такмили қонунгузории амалкунанда бо мақсади тақвияти вазифаҳои танзимкунандаи давлат дар самти рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ;
- омодасозии пешниҳод ва тавсияҳо оид ба лоиҳаҳо, консепсияҳо, стратегияҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки ҷалби сармоягузориҳо.

12. Шӯрои машваратӣ ҳуқуқ дорад:

- дар ҷаласаҳои худ ҳисоботи роҳбарони мақомоти давлатиро оид ба масъалаҳои беҳтар намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва фазои сармоягузорӣ шунавад;
- вобаста ба натиҷаҳои мониторинги иҷрои протоколҳои Шӯрои машваратӣ қарорҳои дахлдор қабул намояд;
- фаъолияти шӯроҳои машваратӣ оид ба рушди соҳибкорӣ ва сармоягузории назди раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, шӯроҳои машваратии ҷумҳуриявии доир ба масъалаҳои соҳибкорию сармоягузорӣ, аз ҷумла дар минтақаҳо фаъолияткунандаро баррасӣ ва қарорҳои дахлдор қабул намояд;
- ба ҷаласаҳои худ раисон ва роҳбарони шӯроҳои машваратии мақомоти давлатии дар минтақаҳо ва шаҳру ноҳияҳо вобаста ба масъалаҳои беҳтар намудани вазъи соҳибкорӣ ва фазои сармоягузорӣ фаъолияткунандаро даъват намояд, ҳисоботи онҳоро шунавад ва вобаста ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул намояд;
- коршиносони ватанию хориҷиро барои таҳлил, баҳодиҳии воқеӣ вобаста ба рафти иҷрои тадбирҳо доир ба беҳтар намудани фаъолияти соҳибкорию сармоягузорӣ, гузаронидани ислоҳоти идоракунии давлатӣ бо мақсади такмили вазифаҳои танзимкунандаи давлат, таҳияи стратегия ва муайян намудани самтҳои мазкур ҷалб намояд;
- ҷиҳати такмили сиёсати давлатӣ дар самти беҳтар намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва фазои сармоягузорӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ тавсияҳо ва пешниҳодҳои дахлдор манзур намояд;
- барои ноил гардидан ба мақсадҳои дар Низомномаи мазкур овардашуда ҷиҳати таъсис додани гурӯҳҳои корӣ супориш диҳад;
- ҷиҳати ҳавасмандгардонии соҳибкорони муваффақ тавассути қадршиносӣ ва додани шаҳодатномаҳои ифтихорӣ ба онҳо чораҳои заруриро амалӣ намояд;
- оид ба ҳавасмандгардонии рушди фаъолияти соҳибкорӣ чораҳо андешад;
- барои баррасӣ намудани масъалаҳои алоҳида дар самти соҳибкорию сармоягузорӣ коршиносон, намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятиро даъват намояд.

## 4. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ

13. Фаъолияти Шӯрои машваратӣ бо чунин тартиб амалӣ мегардад:

- амалисозии масъалаҳои пешбурди соҳибкорию сармоягузорӣ дар доираи уҳдадориҳои Шӯрои машваратӣ, баргузории шаклҳои гуногуни чорабиниҳо, паҳну интишори маводу маълумот;
- баргузории ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ на камтар аз як маротиба дар як сол;
- вобаста ба зарурат баргузор кардани ҷаласаҳои байниҷлосиявӣ ва ғайринавбатии Шӯрои машваратӣ;
- салоҳиятнокии маҷлиси Шӯрои машваратӣ зимни иштироки аз се ду ҳиссаи ҳайати он дар ҷаласа;
- қабул гаштани қарори Шӯрои машваратӣ оид ба масъалаҳои баррасишаванда бо аксарияти овозҳо ва дар шакли протокол ба расмият даровардани онҳо.

## 5. КУМИТАИ ТАДОРУКОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ

14. Кумитаи тадорукоти Шӯрои машваратӣ (минбаъд - Кумита) масъалаҳои омодасозӣ ва баргузории чорабиниҳо, аз ҷумла мулоқотҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорону сармоягузорон, форумҳои байналмилалии соҳибкорӣ ва сармоягузории сатҳи баландро пайгирӣ, баррасӣ ва вобаста ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул менамояд.

15. Кумита аз раис ва аъзои Кумита иборат мебошад.

Раиси Кумита узви Шӯрои машваратӣ - муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Аъзои доимии Кумита аъзои Шӯрои машваратӣ - котиби масъули Шӯро, рохбари котибот, ду нафар аз хисоби бахши хусусӣ мебошанд. Шумораи аъзои Кумита бо карори раиси Кумита танзим мегардад.

Ҷаласаҳои Кумита дар давраи омода ва баргузор намудани чорабиниҳо, аз ҷумла чорабиниҳои сатҳи баланд дар асоси консепсия ва нақшаи кории он, инчунин дар асоси дастурамали Кумита баргузор карда мешавад.

16. Бо мақсади амалисозии самаранокии фаъолияти худ Кумита метавонад дастурамали Кумитаро кабул намояд, ки бо имзои раиси он тасдиқ карда мешавад.

17. Ба ҷаласаҳои Кумита роҳбарону намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ, шарикони рушд, инчунин дигарон метавонанд даъват карда шаванд.

18. Супоришҳои ҷаласаҳои Кумита дар шакли протокол бо имзои раиси Кумита ба расмият дароварда шуда, барои иҷрои ҳатмӣ ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол карда мешавад.

## 6. ТАЪМИНОТИ ТАШКИЛИЮ МЕТОДӢ ВА ТЕХНИКИИ ФАЪОЛИЯТИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ

19. Таъминоти ташкилию методӣ ва техникии фаъолияти Шӯрои машваратӣ аз ҷониби котиби масъул, роҳбари котибот ва котиботи Шӯрои машваратӣ анҷом дода мешавад.

20. Котиби масъули Шӯрои машваратӣ:

- омода ва доир намудани ҷаласаҳои Шӯрои машваратиро таъмин менамояд;
- ҷиҳати ба мувофиқа расонидани масъалаҳои ҷаласа бо Раиси Шӯрои машваратӣ тадбирҳои заруриро амалӣ менамояд;
- аъзои Шӯрои машваратӣ ва шахсони даъватшудаäро дар хусуси вақт ва макони доир гардидани ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ огоҳ менамояд;
- ташкили пеш бурдани протоколи ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ ва сари вақт ба имзо расонидани онро таъмин менамояд;
- тадбирҳоро ҷиҳати омода намудани маърӯзаи Раиси Шӯрои машваратӣ амалӣ менамояд ва дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ оид ба ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ гузориш медиҳад;
- супоришҳои Раиси Шӯрои машваратиро иҷро менамояд;
- барои ҳамкориҳои мутақобилаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, сармоягузорони хориҷӣ, соҳибкорон ва иттиҳодияҳои онҳо доир ба масъалаҳои марбут ба ваколатҳо ва фаъолияти Шӯрои машваратӣ тадбирҳоро амалӣ менамояд.

21. Котиботи Шӯрои машваратӣ мақоми кории Шӯрои машваратӣ буда, бо мақсади пешбурди кори Шӯрои машваратӣ таъсис дода мешавад.



Кормандони котиботи Шӯрои машваратӣ тибқи тартиб ва қоидаҳои ташкилоте, ки маблағгузории фаъолияти котиботи Шӯрои машваратиро таъмин менамояд, дар мувофиқа бо роҳбари котиботи Шӯрои машваратӣ интихоб карда мешавад.

Котиботи Шӯрои машваратӣ бланки худро дорад.

Маблағгузории фаъолияти котиботи Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби шарикони рушд амалӣ карда мешавад.

22. Вазифаҳои асосии роҳбари котиботи Шӯрои машваратӣ аз инҳо иборат мебошад:

- ташкил намудани фаъолияти котиботи Шӯрои машваратӣ;
- пешниҳод намудани маълумот ба котиби масъул ва аъзои Шӯрои машваратӣ оид ба масъалаҳои соҳибкорию сармоягузорӣ, иҷрои тавсияҳо ва пешниҳодҳои Шӯрои машваратӣ;
- ҷамъбаст намудани пешниҳодҳои вазоратҳо, кумитаҳо ва идораҳои давлатӣ, намояндагони доираҳои соҳибкорӣ оид ба масъалаҳои беҳтар намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва фазои сармоягузорӣ;
- гузаронидани мониторинги иҷрои супоришҳои протоколӣ ва қарорҳое, ки дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратӣ қабул карда шудаанд;
- амалисозии роҳбарӣ ба фаъолияти котиботи Шӯрои машваратӣ;
- ба роҳ мондани таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ва омодасозии пешниҳодҳо ба Шӯрои машваратӣ оид ба такмили онҳо.

23. Роҳбари котиботи Шӯрои машваратӣ мутобиқи тартиби муқарраргардида ҳуқуқ дорад:

- фаъолияти Шӯрои машваратӣ, аъзои он ва гурӯҳҳои кории дар доираи Шӯрои машваратиро ҳамоҳанг намояд;
- ҳамкориҳоро бо мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушд ҳамоҳанг намояд;
- тамоми маълумоти барои фаъолияти Шӯрои машваратӣ заруриро аз мақомоти давлатӣ дархост намояд ва бо номаву пешниҳодҳо муроҷиат намояд;
- дар омода намудани ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ ва маводи зарурӣ ҷиҳати баргузории онҳо иштироки фаъолонаи мақомоти дахлдорро дархост намояд.

24. Котиботи Шӯро фаъолияти Шӯрои машваратӣ, инчунин ваколатҳои худро тибқи дастури кории Шӯрои машваратӣ амалӣ менамояд.

25. Дастури кории Шӯрои машваратиро Раиси Шӯрои машваратӣ тасдиқ менамояд.